Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-063
назди Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон,734055,хиёбони
Борбад 48/5)

## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Баҳодурова Ҷумринисо Қаюмовна дар мавзуи "Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ**

### Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Баҳодурова Ҷумринисо Қаюмовна ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ: 1.1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ: таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ; 1.5. Таҳқиқи ҷараёни соҳибкорӣ дар ягонагии унсурҳои асосии он: шахсӣ, иқтисодӣ, ташкилию идоракунӣ; 1.7. Ташаккул ва рушди низоми таъминоти инфрасохтории фаъолияти соҳибкорӣ; 1.8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 1.19. Ташкили ҳамкориҳои сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ; 1.23. Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани онҳо мувофиқат мекунад.

**Мубрамияти мавзуи диссертатсия.** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи самараноки ҳадафҳои стратегӣ ва дурнамои рушди иқтисодиёти

кишвар дар қатори дигар соҳаҳо, ба бахши соҳибкорӣ низ диққати махсус ҷудо намудааст, ки барои рушди назарраси таъмини бозори истеъмолии кишвар бо маҳсулоти кишоварзӣ мавқеи муайянро ишғол менамояд. Муҳити молиявии соҳибкорӣ ҳамчун маҷмӯи омилҳои дохилӣ ва беруна мустақим ва ё ғайримустақим ба ташаккул ва рушди соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Муҳити молиявӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ барои рушди соҳибкорӣ талаботи объективӣ буда, аз вазифаҳоест, ки новобаста аз манфиатҳои иқтисодӣ бояд муҳайё карда шавад.

Вазъи сиёсии дохилии Тоҷикистон устувор буда, дар умум барои рушди соҳибкорӣ муҳити молиявии созгор бунёд намудааст, асосҳои меъёрию ҳуқуқии рушди соҳибкорӣ таҳия ва қабул карда шудаанд. Гарчанде, ки Тоҷикистон дар рӯйхати даҳ кишвари дорои пешрафт дар ислоҳоти дастгирии соҳибкорӣ қарор дорад, аз рӯи рейтинги “Пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ 2018” ҷумҳурӣ ҷойи 126-умро ишғол мекунад, ки аз паст будани рушди ниҳодҳо ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад.

Дар иқтисодиёти муосир самаранокии соҳибкорӣ асосан аз рӯи стратегияи молиявии он муайян карда мешавад, ки он дар баланд бардоштани рақобатпазирӣ, таъмини ҷалб ва истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, ҳамоҳангсозии ҷараёни онҳо нақши муҳим бозида, баланд шудани арзиши бозории корхона ва некуаҳволии сохибони онро таъмин мекунад. Стратегияи молиявӣ тамоми шаклҳои фаъолияти молиявии соҳибкорро (беҳсозии сармояи асосӣ ва муомилот, ташаккул ва тақсими фоида, ҳисоббаробаркуниҳои пулию қарзӣ ва сиёсати сармоягузорӣ) фаро гирифта, қонунҳои объективии иқтисодии муносибатҳои бозориро таҳқиқ мекунад, шаклу усулҳои зинда мондан ва инкишофро дар шароити нав таҳия менамояд.

Стратегияи молиявӣ бо назардошти ҳамаҷонибаи имкониятҳои молиявӣ, ба таври объективӣ баҳодиҳии хусусияти омилҳои берунӣ ва

дохилиро таъмин менамояд, ки имкониятҳои молиявию иқтисодии соҳибкор ба шароитҳои дар бозор мавҷудбуда мувофиқат кунад ва фаъолияти он мӯҳлати дарозмуддатро таъмин намояд. Ҳадафҳои стратегияи молиявӣ бояд ба стратегияи умумии рушди иқтисодӣ тобеъ бошанд ва ба ҳадди аксар расонидани фоида ва арзиши бозории он нигаронида шаванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои гуногуни танзими давлатии таҳкими муҳити молиявиро барои рушди соҳибкорӣ истифода мебарад. Яке аз ин механизмҳо таҳияи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба ҳисоб меравад, ки дар он ба вазъи муосири фазои сармоягузорӣ ва муҳити молиявӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифта, мушкилотҳои асосӣ ошкор карда шуда, самтҳои асосии фаъолият барои ҳалли мушкилотҳо ва натиҷаҳои чашмдошт муайян карда шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Аз таҳлили кори диссертатсионӣ бармеояд, ки ҳадафи таҳқиқот муқаррар гардида, вазифаҳои таҳқиқот ба тавлиди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат менамояд. Вобаста ба муҳимияти таҳқиқот дар диссертатсия объекти таҳқиқот, масъалаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд. Асосҳои назариявии таҳиянамудаи олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, стратегияву барномаҳо ва дигар асноди меъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба инкишофи консепсияи рушди босубот дар соҳаи соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории кишоварзӣ ва дар амал татбиқ намудани принсипҳои асосии танзим ва идоракунии соҳаи кишоварзӣ ташкил додаанд. Ҳангоми таҳқиқот мавриди коркард ва таҳлилу хулосабарориҳо муаллиф аз методҳои омӯзиши муқаррароти назариявӣ, методӣ ва амалии муҳити молиявии соҳибкорӣ истифода намудааст, ки имкон медиҳад ҳолати муҳити молиявии соҳибкориро муайян ва самтҳои асосии таҳкими он пешниҳод карда шавад. Мавзӯи

таҳқиқоти дитссертатсионӣ ба шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.06.06-Иқтисодиёти соҳибкорӣ мувофиқат менамояд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокии хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисоддони ватанию хориҷиро дар соҳаи соҳибкории соҳаи кишоварзӣ эҷодкорона истифода бурдааст. Ҳамчунин, саҳеҳияти маълумот бо гузаронидани таҷрибаҳо, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ карда шудааст. Хулосаҳо ва пешниҳодот бо таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он.** Арзёбии диссертатсия нишон дод, ки аҳамияти назариявии таҳқиқот аз асосноккунии назариявӣ ва коркарди пешниҳодоти методологӣ оид ба такмили **муҳити молиявии соҳибкорӣ** дар кишоварзӣ иборат буда, барои таҳқиқотҳои оянда ҳамчун асосҳои услубӣ ва амалӣ хизмат карда метавонанд. Натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба такмили муҳити молиявии соҳибкории кишоварзии ҷумҳурӣ мавриди татбиқ қарор дода шаванд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки принсипҳои асосии методӣ ва пешниҳодоти дар таҳқиқоти диссертатсионӣ коркардшуда, тавсияҳои таҳияшуда ва пешниҳодҳои дар асоси онҳо омодагардида метавонанд аз тарафи мақомоти идораи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ ҳангоми такмили муҳити молиявии соҳибкории кишоварзӣ истифода бурда шаванд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Аз ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи **Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна** бармеояд, ки тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд.

Мавзӯъ ва ихтисоси довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ ба талаботи бандҳои 17 ва 18 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ.** Дар таҳқиқот саҳми шахсии муаллиф аз коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба мафҳуми муҳити молиявии соҳибкорӣ, исбот намудани зарурати истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии бунёди муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон, пешниҳод намудани роҳҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ ва макроиқтисодӣ, таҳияи модели консептулии стратегияи муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ, таҳияи матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар асоси ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди инфрасохторӣ иборат аст, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқот инъикос гардидааст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, дараҷаи коркарди мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок карда шудаанд.

**Дар боби аввал «Ҷанбаҳои назариявии рушди муҳити молиявии соҳибкорӣ»** дар асоси таҳқиқи адабиётҳои илмӣ, ибораи муҳити молиявии соҳибкорӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифта, муаллиф нуқтаи назари худро пешниҳод намуда, чунин мешуморад, ки “Муҳити молиявии соҳибкорӣ «ҳамчун вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, демографӣ, илмӣ-технологӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, ки дар кишвар ташаккул ёфта, ба шаҳрвандони қобилиятнок ба фаъолияти соҳибкорӣ озодии иқтисодӣ шароит фароҳам оварда, ба қонеъ гардонидани талаботи ҳамаи

субъектҳои муносибатҳои бозорӣ нигаронида шудааст, ки дар доираи ин муҳит соҳибкорон амал мекунанд».

Диссертант қайд намудааст, ки дар адабиётҳои назариявӣ ва луғатҳои иқтисодӣ мафҳуми ягонаи муҳити молиявӣ вуҷуд надорад. Яке онро ба омили дохилӣ ва беруна, дигаре ба макромуҳит ва микромуҳит, сеюмин вазъи иҷтимоию иқтисодии давлат, чорумин шароити зарурии таъмини фаъолияти бемамонияти соҳибкор тақсим намудааст. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон муҳити молиявии соҳибкориро васеътар шарҳ дода, маҷмӯи омилҳои табиию экологӣ, сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию молиявӣ ва диг. дохил намудаанд, ки ҳар кадоме ба рушди соҳибкорӣ таъсир расонида метавонад.

Муаллиф хулоса намудааст, ки муҳити молиявии соҳибкорӣ аз таъсири омилҳои берунаю дохилӣ, макромуҳит ва микромуҳит вобастагӣ дорад ва натиҷаҳои истеҳсолию молиявии он метавонад мусбӣ ва манфӣ бошад. Дар сурати муҳайё намудани шароит барои рушди соҳибкорӣ рушди иқтисоди кишварро таъмин намудан мумкин аст. Танҳо дар ҳамон вақт метавон ба натиҷаҳои мусбии иқтисодӣ дар сатҳи кишвар умед баст, ки барои соҳибкорӣ муҳити молиявии созгор таъмин карда шавад ва ҳавасмандии соҳибкориро таъмин карда тавонад.

Дар асоси таҳлили консепсияҳои назариявӣ мавқеъи худро асоснок намуда, иброз намудааст, ки таҷрибаи ташаккули муҳити соҳибкорӣ, ки дар давлатҳои пешрафта истифода мешавад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ҳамчун асоси методологӣ метавонад татбиқ карда шавад ва механизмҳои мушаххаси татбиқи он бояд хусусиятҳои хоси Тоҷикистон, аз ҷумла иқтисодиёти давраи гузариш, асосҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии рушди соҳибкорӣ; зарурати такмили механизми андозбандии субъектҳои соҳибкорӣ бо назардошти раванди ташаккули муҳити соҳибкорӣ ба назар гирифта шавад.

Муаллиф таҳқиқи муҳити молиявии соҳибкории мамлакатҳои хориҷиро гузаронида, ҷунин хулосабандӣ намудааст, ки таҷрибаи

истифодаи системаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои назорати самаранокии чорабиниҳои дастгирии давлатии корхонаҳои хурд ва миёнаи Ҷопон, ташкили марказҳои таълимӣ ва таҳия намудани тавсияҳо барои кормандони роҳбарикунандаи тиҷорати хурду миёнаи Чин, гирифтани машваратҳои онлайнӣ оид ба гирифтани қарз ва хизматрасонии ширкатҳои суғуртаи Фаронса, дастгирии молиявии соҳибкорони навтаъсиси Олмон, суғуртаи тиббии ИМА, таъсиси фонди кафолати рушди тиҷорати хурди Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои Тоҷикистон қобили қабул аст.

**Дар боби дуюм "Баҳои ҳолати кунунии муҳити соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон"** вазъи муосири фаъолияти соҳибкориро дар Тоҷикистон таҳлил намуда қайд намудааст, ки барои рушди соҳибкорӣ асосҳои ҳуқуқи бунёд карда шудааст. Дар баробари ин дар диссертатсия омадааст, ки новобаста аз мавҷуд будани асосҳои ҳуқуқии рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир нокифоя будани шароит барои фазои соҳибкорӣ, ки дар танзими барзиёд ва ғайрисамаранок, коррупсия, сарбории аз ҳад зиёди андозӣ ва душвориҳои маъмурикунонии андоз, сатҳи баланди монополизатсия, муҳофизати заифи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои соҳибкорон ба чашм мерасад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки новобаста аз мавҷуд будани асосҳои ҳуқуқии рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир, мутаассифона хоҷагиҳои навтаъсиси деҳқонӣ (фермерӣ) аз имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода намебаранд, зеро аз 1 га заминҳои таъйиноти кишоварзӣ нисбат ба хоҷагиҳои аҳолӣ 13,4 маротиба камтар маҳсулот истеҳсол менамоянд.

**Дар боби сеюм «Самтҳои асосии такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ»** бо истифода аз методологияи STEP таҳлил омилҳои ба муҳити молиявӣ таъсиррасонро ба чор гуруҳ тақсим намуда, дурнамои муҳити молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи макроиқтисодӣ барои то солҳои 2030 муайян карда шудааст.

**Дар хулоса ва пешниҳодҳо** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳод гардидаанд (саҳ. 152-159).

Кори диссертатсионӣ дар 176 саҳифаи нашри компютерӣ ҷой дода шуда, аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйихати адабиёт иборат буда, 17 расм ва 54 ҷадвалро дар бар мегирад.

Диссертатсияи **Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна**, ки бо забони давлатӣ навишта шуда, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаи он ҷавобгӯи талабот буда, мавқеи намоёни назариявию амалиро соҳиб мебошад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Интишороти муаллиф нуқтаҳои асосӣ, навгониҳо, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардидаро фарогир буда, дар маҷмуъ, аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 23 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 12 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионӣ.** Диссертатсияи **Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна** ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) (минбаъд-Тартиб) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия

(Қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Мутобиқатии автореферат ва мақолаҳои илмии муаллиф ба муқаррароти асосии диссертатсияи илмӣ.** Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи унвонҷӯ мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, корҳои интишоркардаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардидаро дар худ инъикос мекунад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Хуб мешуд, ки дар боби якум муаллиф масъалаҳои рушди соҳибкориро дар шароити дигаргуншавии иқлим баррасӣ менамуд.

2. Диссертатсия бурд мекард агар дар он диссертант масъалаҳои такмили соҳибкориро дар шароити кунунии мамлакат (дастрасии молиявӣ, суғурта, фурӯши маҳсулот ва ғайра) пурратар таҳлил менамуд.

3. Хуб мешуд, ки дар диссертатсия самтҳои асосии дастгирии давлат пурратар таҳлил шуда, дар асоси он тавсияҳои мушаххас пешниҳод мегардиданд.

4. Баҳодиҳии ҳолати муосири микромуҳити молиявии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар раванди қазияҳои мавҷудбудаи иқтисоди миллӣ пурратар таҳлил мешуд, сифати кор аз он бурд мекард.

5. Дар диссертатсия баъзе камбудиҳои орфографӣ ва грамматикӣ во мехӯранд.

Камбудиҳои пешниҳодгардида хусусиятҳои ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии диссертатсияро паст намекунанд.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия.** Диссертатсияи **Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна** дар мавзуи **“Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)”**, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия **Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи **ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ** сазовор дониста мешавад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ
ва омори ДДМИТ Раҳматзода Р.

05.12.25

Имзои Р.Раҳматзода -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДДМИТ Мирҷамолов М.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон 734067,
ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14,
Телефон: +992 (372) 227-30-75,
E-mail: tgfeu@tgfeu.tj , Сомонаи расмӣ: www.tgfeu.tj